«Тасдиқ мекунам»
директори Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.

«__19__» __04__ 2022 с.

# ХУЛОСАИ
## Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Диссертатсияи Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна дар мавзуи «Такмили шарикии давлатию хусусӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Дар марҳилаи омода намудани диссертатсия аз соли 2015 инҷониб Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба ҳайси ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории мазкур фаъолият менамояд.

Мавзуи диссертатсияи Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна дар маҷлиси шӯрои олимони Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, аз таърихи 09.01.2017, протоколи №6 тасдиқ шудааст.

Ҳамчун роҳбари илмӣ, Ризоқулов Туракул Рабимкулович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 23.10.2018, №14 (таърих ва фалсафаи илм), 25.06.2019, №19 (забони англисӣ) аз тарафи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва 19.03.2022, №2 (иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дода шудааст.

Тадқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 24.03.22 (протоколи №2) баррасӣ гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Такмили шарикии давлатию хусусӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Арзёбии диссертатсияи унвонҷӯ.** Диссертатсияи Тухсанбоева Хуршеда Махмудовна мубрам буда, кори мустақилона ва анҷомёфтаи тадқиқотӣ доир ба ташаккули шарикии давлатию хусусӣ дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ арзёбӣ гаштааст.

**Мақсади таҳқиқот** диссертатсионӣ рушди назарияи илмии ташаккули шарикии давлатию хусусӣ дар иқтисодиёти минтақа, ҳамчунин коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ташкили механизм ва афзоиши он чун омили самаранокии беҳтар гардонидани ҳолати иҷтимоию иқтисодии минтақа ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади дар пеш гузошташуда, иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ шудааст:

– таҳқиқи мундариҷаи иҷтимоию иқтисодии шарикии давлатию хусусӣ дар сатҳи минтақа дар шароити муосир;

– ошкор сохтани шаклҳои мухталифи шарикии давлат ва бизнес дар сатҳи минтақа, ҳамчунин муайян кардани методикаи арзёбии ҳамкории мутақобилаи онҳо;

– омӯхтани таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба инкишофи шарикии давлатию хусусӣ ва муайян кардани ҷанбаҳои қобили қабули он;

– таҳлил кардани вазъи умумӣ ва хусусиятҳои инкишофи шарикии давлатию хусусӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– асоснок сохтани омилҳое, ки ба инкишофи муносибатҳои шарикии давлат ва бизнес дар сатҳи минтақа таъсир мерасонанд;

– коркарди амсилаи ҳамкории мутақобилаи мақомоти давлатӣ бо бизнес-сохторҳо дар минтақаҳо;

– коркард ва пешниҳоди таҷдиди механизмҳои шарикии давлатию хусусӣ дар вилояти Суғд ва таҳияи чорабиниҳо оид ба ташкили асосҳои институтсионалии танзими он дар дурнамо.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар рушди назарияи шарикии давлатию хусусӣ, ҳамчунин таҳияи тавсияҳои илман асоснок оид ба таҷдиди механизмҳои ташкил ва фаъолияти шарикии давлатию хусусӣ (ШДХ) дар сатҳи минтақавӣ чун ниҳоди нави минтақавии танзими фаъолият зоҳир мегардад.

Муқарроротҳои алоҳидаи илмӣ, ки унсурҳои навовариро дарбар мегиранд, инҳоанд:

– муқаррароти консептуалӣ дар бораи шарикии давлатию хусусӣ таҳқиқ шуда, дар асоси он ба моҳияти ин мафҳум дар сатҳи минтақа тасҳеҳ ворид карда шудааст. Мувофиқи он: “ШДХ механизми сиёсати иқтисодӣ буда, иҷрои вазифаҳои давлатро дар минтақаи алоҳида пурзӯр менамояд ва ба шарти судманди мутақобила ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, иқтисодро бо роҳи ҷалб намудани дороиҳои моддӣ, ғайримоддии аҳолӣ ва бизнес-сохторҳоро таъмин менамояд”;

– бисёрҷанбагии шаклҳои ШДХ, ки муносибатҳои умумии шарикиро то шартномаҳо ва корхонаҳои муштарак (қарордод; лизинг; созишнома; қарордоди инвеститсионӣ; консепсияҳо; саҳомигардонӣ; иштироки саҳмӣ дар сармоя ва ғайра) дарбар мегирад, мудаллал сохта шудааст. Низоми нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии фаъолияти ШДХ гуруҳбандӣ намуда, тибқи он нишондиҳандаҳое, ки самаранокии ШДХ-ро аз ҷониби манфиатҳои давлатӣ аз нуктаи назари шарикӣ барои арзёбӣ намудан имкон медиҳад, асоснок карда шудааст;

– таҷрибаи мамолики хориҷаи дур (Бритониёи Кабир ва Олмон) ва хориҷаи наздик (Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон) дар самти истифодаи самараноки ШДХ ҷамъбаст карда шудааст. Дар асоси он дар шароити муосири рушди кишвар таҷрибаи давлатҳои Русия, Ӯзбекистон ҷолиби диққат ва қабул аст, ки ташкили ШДХ-ро дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ бештар рушд додааст, мувофиқи мақсад мебошад;

– муайян карда шудааст, ки шарикии давлатию хусусӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бештар дар пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоӣ, яъне дар низоми маориф, тандурустӣ, варзиш рушд ёфтааст. Гуруҳбанди карда шудааст, ки дар самти соҳаи маориф дар паҳншавии ҳамкории ШДХ шаҳрҳои Панҷакент, Истаравшан, н. Ашт пешқадам мебошанд. Дар шаҳрҳои Хуҷанд, Конибодом, ноҳияҳои Шаҳристон, Зафаробод, Деваштич, Спитамен мавқеи миёна дорад. Дар самти бунёди кӯдакистонҳо дар гурӯҳи пешқадам шаҳрҳои Хуҷанд, Бӯстон, Исфара, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров; дар сатҳи миёна ноҳияи Зафаробод, шаҳри Бӯстон, дигар шаҳру ноҳияҳо бошанд, ақибмонӣ доранд, дар соҳаи варзиш ноҳияи Мастчоҳ пешқадам, шаҳрҳои Истаравшан, Хуҷанд, ноҳияи Деваштич дар ҳолати миёна, дигар шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи паст қарор доранд;

– ошкор гардидааст, ки дар амалишавии ҳадафи стратегии давлатӣ, яъне “саноатикунонии босуръат” ҳар як минтақа ба ШДХ ниёз дорад ва дар вилояти Суғд ин ҳолат дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад. Дар ҳамкории бахши хусусӣ бо сармояи худ, бахши давлатӣ бо пешниҳоди қитъаи замин ройгон, озод кардан аз пардохти воридоти техника, технология, имтиёзҳои андозӣ, маъмурӣ ширкат меварзад. Сабабҳои рушд наёфтани ШДХ дар соҳаи саноати минтақа муайян карда шудааст: а) норасоии кадрҳои баландихтисос оид ба коркард ва пешниҳоди лоиҳаҳои ҷолиби инвеститсионӣ; б) нобоварӣ ба бахши хусусӣ ё ин ки ба бахши давлатӣ; в) мавҷудияти элементҳои коррупсионӣ;

– муайян карда шудааст, ки ҳаҷми маблағгузорӣ ба нишондиҳандаи рушди ШДХ баҳри арзёбии он модели иқтисодию – математикии бисёромила коркард шудааст. Муайян гардидааст, ки рушди шарикии давлатӣ ва хусусӣ дар иқтисодиёти муосири вилояти Суғд ҳоло бештар аз тағйирёбии чунин нишондиҳандаҳои омилӣ, яъне тамоюли шумораи корхонаҳои муштарак ва аз ҳаҷми корҳои сохтмону васлкунӣ пайвастагии зиёд дорад;

– муайян карда шудааст, ки инкишофи ШДХ дар минтақаҳо чун манбаи баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ баромад мекунад. Дар ин асос самти ҳавасмандгардонии ташаккули ШДХ пешниҳод карда шудааст. Аз ҷумла, беҳтар намудани муҳити институтсионалӣ; ташаккули институти кластерҳои соҳавӣ дар асоси шарикии бизнес ва сохторҳои ҳукуматӣ; такмили асосҳои ҳуқуқӣ. Алгоритми ҳамкории мутақобилаи субъектҳои шарикии давлатию хусусӣ дар минтақа пешниҳод карда шудааст. Дар асоси он маҷмӯи тадбирҳо оид ба такмили сиёсати иқтисодии минтақавӣ, ки ба беҳтар намудани ҳамкории бахши давлатӣ ва бизнес-сохторҳо равона мегардад, тавсия шудааст;

**Иштироки шахсии муаллиф дар чараёни ба даст овардани натиҷаҳои дар рисола баёншуда.** Ҳамаи марҳилаҳои амалисозии нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосноккунии мубрамияти он, гузоштани мақсад ва вазифаҳои тадқиқ бо иштироки бевоситаи муаллиф баргузор шудаанд. Дурустӣ ва асоснок будани натиҷаҳои тадқиқот тавассути асосноксозии методикаи таҳқиқ, пешниҳоди додаҳои таҷрибавӣ, ки дурустии фарзияҳои ироашуда ва инчунин тавсифи натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ менамоянд, таъмин карда мешавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва методии диссертатсия** аҳамияти назариявӣ дар он аст, ки муқарраротҳои илмии дар диссертатсия коркардгардида барои инкишоф додани назарияи рушди минтақавӣ дар асоси татбиқи механизми ШДХ истифода бурдан мумкин аст, ки он бояд ба баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионии минтақа ва ҷалби ҳаҷми умумии инвеститсияҳо мусоидат менамояд.

Хулосаҳои илмии алоҳидаи диссертатсияро дар низоми тайёрӣ ва бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самти чунин ихтисосҳо, аз қабили иқтисодиёти минтақа, менеҷмент, идоракунии давлатию минтақавӣ ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

Дар рафти таҳқиқот методҳои умумиилмӣ (методҳои таҳлили қиёсӣ, вазъиятӣ, мантиқӣ, низомнома ва диалектикӣ) ва методҳои иқтисодию математикӣ ва омории тадқиқ шудаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот 9 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда чоп карда шудааст.

**Феҳрасти муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд**:

*А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:*


1. Тухсанбоева Х.М. Шаклҳои шарикии давлат ва бизнес дар сатҳи минтақавӣ ва методикаи арзёбии амалҳои онҳо [Матн] / Тухсанбоева Х.М. // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2021. - №4 (89). – С. 82-93 (ISSN 2411-1945).
2. Тухсанбоева Х.М. Факторы, влияющие на развитие партнерских отношений на региональном уровне [Текст] / Тухсанбоева Х.М. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук – Душанбе, 2020. - №8.– С. 41- 45 (ISSN 2413-5151).
3. Тухсанбоева Х.М. Формирование и развитие институтов бизнес – структур в контексте развития государственно – частного партнерства [Текст] / Х.М. Тухсанбоева // Учёные записки. Серия естественные и экономические науки. – Худжанд, 2020. - №2 (53). – С. 82-89 (ISSN 2077-4974).
4. Тухсанбоева Х.М. К вопросу об исследовании взаимодействия институтов бизнес – структур и государства в региональной

экономической системе [Текст] / Тухсанбоева Х.М. // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. – Худжанд, 2020. - №2 (83). – С. 90-99 (ISSN 2411-1945).

5. Тухсанбоева Х.М. Таҳлили ҷанбаҳои институтсионалии танзими шарикии давлатию хусусӣ дар сатҳи минтақаҳо [Матн] / Ризокулов Т.Р., Тухсанбоева Х.М. // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2022. - №4 (93).- С.49-60 (ISSN 2411-1945).

*Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯи маводҳои конференсия:*

6. Тухсанбоева Х.М. Системаи нишондиҳандаҳои иқтисодии рушди минтақа // Конференсияи байналмилалии илмӣ-методии «Рушди иқтисодиёти инноватсионию индустриалӣ: назария, усулҳо, таҷриба» (Хуҷанд, 2019). – С. 283-284.

7. Тухсанбоева Х.М. Тенденции развития структуры механизма управления устойчивым развитием Международная научно-практическая конференция // "Мережевий бизнес: становления, проблемы инноваций". - Полтава, 2019. - С. 55-56.

8. Тухсанбоева Х.М. Экологическая составляющая региональной экономической системы // "Мережевий бизнес: становления, проблемы инноваций". – Полтава , 2020. - С. 96-99.

9. Тухсанбоева Х.М. Ҳамкориҳои давлатӣ ва хусусӣ ҳамчун институти фаъолияти соҳибкорӣ // Ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – назариявӣ - Хуҷанд: Дабир, 2022. – С. 456 – 458.

Маҷлиси васеи шӯрои олимони факултети иқтисодиёт ва технологияҳои инноватсионии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳайати муқарризон:

- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Азимов А.Ҷ.
- доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуқодиров Х.А.
- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Умаров З.Х.

- ҳамчунин даъватшудагон: д.и.и., профессор Ризоқулов Т.Р., д.и.и., профессор Аминов И.А., н.и.и., профессор Комарова Г.Б. н.и.и., иқтисодӣ, дотсент Мирпочоев Д., н.и.и., дотсент Шарипов З.У., н.и.и., дотсент Қаюмов А.А, номзади илмҳои иқтисодӣ дотсент Ишонова У.У., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Умаров З.Х., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҷабборов А.А., н.и.и., дотсент Исмоилова Д., н.и.и., дотсент Ваҳобов А., ва н.и.и., дотсент Муҳидинова Ш. баргузор гардид.

**<u>ҚАРОР КАРДА ШУД:</u>**

1. Диссертатсияи Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна дар мавзуи «Такмили шарикии давлатию хусусӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмӣ – тахассусии самти иқтисодӣ буда, бахри ташаккули шарикии давлатию хусусӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа муҳим арзёбӣ мегардад. Он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба чунин корҳо ҷавобгӯ мебошад.

2. Бо назардошти аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда, дурустии муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, навигарии илмӣ, натиҷаҳои бадастомада, баррасиҳои мусбати дотсенти декани факултети иқтисод ва технологияҳои инноватсионии ДИС ДДТТ, Шарипов З.У., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Азимов А.Ҷ., н.и.и., дотсенти мудири кафедраи «Иқтисодиёт ва соҳибкорӣ» Ишонова У.У., д.и.и., дотсент Абдуқодиров Х.А., н.и.и., дотсент Умаров З.Х., мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон, н.и.и., дотсент Муҳидинова С.А., суханрониҳои роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризоқулов Т.Р., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирпочоев Д.М., н.и.и., дотсент Бобоев Г., н.и.и., дотсент Ҷалолов Н.М., инчунин бо назардошти маълумоти унвонҷӯ оиди тағйироте, ки ба диссертатсия ворид кардааст, мувофиқи эродҳое, ки ҳангоми муҳокимаи

рисолаи номзадӣ дар маҷлиси васеи факултет баён шудааст, рисолаи илмии Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна, дар мавзӯи «Такмили шарикии давлатию хусусӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди ДДҲБСТ барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

3. Иҷрои қарори мазкури шӯрои олимони факултети иқтисодиёт ва технологияҳои инноватсионии ДИС ДДТТ ба декани факултет, раиси маҷлис, н.и.и., дотсент Шарипов З.У. гузошта мешавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи шӯрои олимони факултети иқтисодиёт ва технологияҳои инноватсионии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон якдилона қабул карда шуд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

"тарафдор" – 25 нафар,

"зид" – нест,

"бетараф" – нест.

Протоколи №4 аз 15 апрели соли 2022 тасдиқ гардидааст.

Раиси маҷлиси шӯрои олимони
факултети иқтисодиётва
технологияҳои инноватсионии
ДИС ДДТТ,
н.и.и., дотсент — Шарипов З.У.

Котиби маҷлис,
ноиби декан оид ба корҳои илмӣ,
муаллими калон — Бузрукова С.

**Муқарризони холис:**

Доктори илмҳои иқтисодӣ., профессор Азимов А.Ҷ.

Доктори илмҳои иқтисодӣ., дотсент Абдуқодиров Х.А.

Номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсент Умаров З.Х.

Имзоҳои н.и.и., дотсент Шарипов З.У; д.и.и., профессор Азимов А.Ҷ; н.и.и., дотсент Умаров З.Х; муаллими калон Бузрукова С.-ро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Маҳмудов Ш.У.

Имзои д.и.и., дотсент Абдуқодиров Х.А.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Ҳ.

"15" 04 2022

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
кӯчаи Исмоилӣ Сомонӣ, 169
тел:+992 (3422) 6-03-21
info@iet.tj